# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи “Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

*аз “30” 12 соли 2025* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Х. - раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. - аъзои комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов У.С. - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Сафаров Илҳом Нурмаҳматович хулосаи зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Сафаров Илҳом Нурмаҳматович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”), мувофиқат мекунад.

Сафаров Илҳом Нурмаҳматович 25-уми августи соли 1987 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2010 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Аз соли 2010 то соли 2012 ба ҳайси ассистент дар кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи молияи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон). Аз соли 2012 то соли 2014 ба ҳайси мутахассиси пешбари шуъбаи коркарди дастурамалҳои молиявӣ барои соҳаҳои иқтисодии ПИТ «Молия»-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз соли 2014 то соли 2016 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва муомилоти пулии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон). Аз соли 2016 то соли 2020 ба ҳайси сармутахассиси раёсати илм

ва инноватсияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон). Аз соли 2020 то моҳи сентябри соли 2023 ба ҳайси муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Аз моҳи сентябри соли 2023 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Сафаров Илҳом Нурмаҳматович соли 2016 ба аспирантураи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 2020 аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29-уми июни соли 2017, суратҷаласаи №11/8.4 тасдиқ гардидааст. Бинобар сабаби пеш омадани зарурияти истеҳсолӣ мавзуъ ва роҳбари илмӣ тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 28-уми сентябри соли 2018, суратҷаласаи №2/4.15 иваз гардидааст. Мувофиқи ҳамин қарор роҳбари илмӣ Содиқов Метархон Соқибекович – доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар асоси супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст. Имтиҳонҳо аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм - 5 (аъло), забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб) ва имтиҳон аз рӯи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида шудаанд.

**Роҳбари илмӣ:** Содиқов Метархон Соқибекович – доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

### *II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи "Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 –

Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда бо бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисод саҳм хоҳанд гузошт.

### *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 12 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи "Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Сафозода Абдумаҷид Карим** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Муассисаи давлатии Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- **Салиева Ҳилола Шодибоевна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба сиёсати ҷавонон Филиали ДМТТ "МИСИС" дар шаҳри Душанбе.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Умаров Х.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Шарифзода Б. М.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Ҳикматов У. С.